Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14

**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзуи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешбинӣ гардидааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Навигарӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба бандҳои дахлдор: 2.14; 3.20; 3.22; 3.25 ва 5.2. мутобиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ масъалаи ҷалб ва истифодаи самараноки сармоягузорӣ ҳамчун яке аз омилҳои калидии таъмини рушди устувори иқтисодӣ, диверсификатсияи истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аҳамияти махсус касб намудааст. Барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ на танҳо василаи афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, балки омили муҳими навсозии сохтори иқтисод, воридсозии технологияҳои муосир ва ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ва мутобиқшавӣ ба талаботи иқтисоди бозорӣ қарор дошта, рушди он то

андозае бо маҳдудияти захираҳои дохилӣ, сатҳи нокифояи сармоягузории хусусӣ, вобастагӣ аз сармоягузориҳои давлатӣ ва манбаъҳои беруна, инчунин бо хавфҳои макроиқтисодӣ ва институтсионалӣ тавсиф меёбад. Дар чунин шароит ташкили низоми самараноки маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, такмили механизмҳои ҷалби сармоя ва истифодаи оқилонаи он ба яке аз масъалаҳои мубрами сиёсати иқтисодии давлат табдил меёбад.

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ оид ба рушди иқтисодӣ, саноатикунонии босуръат, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ қабул ва амалӣ мегарданд. Бо вуҷуди ин, таҷриба нишон медиҳад, ки мавҷудияти санадҳои меъёрӣ ва ҳадафгузориҳои стратегӣ худ ба худ кафолати самаранокии маблағгузории фаъолияти сармоягузориро таъмин намекунад. Мушкилоти марбут ба дастрасии манбаъҳои молиявӣ, сатҳи баланди хавфҳои сармоягузорӣ, норасоии механизмҳои муосири молиявӣ, заъфи ҳамоҳангсозии байни иштирокчиёни раванд ва самаранокии нокифояи истифодаи сармоя то ҳол боқӣ мемонанд.

Дар таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои сармоягузорӣ асосан аз нигоҳи ҷалби сармоя ё таҳлили ҳаҷм ва сохтори он баррасӣ шудаанд, дар ҳоле ки масъалаи маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун низоми мураккаби ташкилӣ-иқтисодӣ, ки маҷмӯи манбаъҳо, усулҳо, механизмҳо ва воситаҳои танзимиро дар бар мегирад, то ҳанӯз ба таври кофӣ ва мукаммал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ нашудааст. Ин холигии илмӣ зарурияти омӯзиши амиқи назариявӣ ва амалӣ, таҳлили таҷрибаи миллӣ ва хориҷӣ, инчунин таҳияи пешниҳодҳои илман асоснокро таъкид менамояд.

Аҳамияти амалии мавзуи тадқиқот инчунин бо он муайян мегардад, ки такмили механизми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ метавонад ба баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, афзоиши ҷалби сармояи хусусӣ ва хориҷӣ, коҳиши хавфҳои молиявӣ ва

таъмин намудани рушди устувори бахшҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ мусоидат намояд. Дар ин замина, натиҷаҳои тадқиқот метавонанд дар таҳияи сиёсати сармоягузории давлатӣ, такмили барномаҳои рушди иқтисодӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар сатҳҳои гуногун истифода шаванд.

Бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда, интихоб ва таҳқиқи мавзуи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба талаботи рушди муосири иқтисоди миллӣ, ниёзҳои сиёсати иқтисодии давлат ва вазифаҳои илми иқтисодӣ пурра ҷавобгӯ мебошад, ки ин мубрамияти баланди мавзуи таҳқиқотиро тасдиқ менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навоварии илмии диссертатсия аз таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии илман асоснокшуда ҷиҳати такмили маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтарсозии ҳамворакунии рушди фазоии минтақаҳо иборат мебошад. Диссертант чунин навгониҳои илмиро асоснок карда, пешниҳод намудааст:

- диссертант ҷанбаҳои назариявӣ ва механизми амалигардонии маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ таҳлил ва асоснок карда шудаанд, ки онҳо ҳамчун омили муҳимми таъмини рушди самарабахши фаъолияти сармоягузорӣ дар доираи дастгирии молиявии давлатӣ баромад менамоянд. Дар ин замина, самтҳои афзалиятноки ҳавасмандгардонии давлатии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ муайян гардидаанд, ки ба ташаккули иқтисодиёти рақобатпазир, таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи механизми маблағгузорӣ равона шудаанд;

- дар таҳқиқот хусусиятҳои хоси маблағгузории ҷараёнҳои сармоягузорӣ дар марҳилаи ташаккул ва рушди механизмҳои бозорӣ муайян карда шудаанд, ки онҳо бо истифодаи захираҳои фаровони табиӣ, таъмини суботи макроиқтисодӣ, устувории фаъолияти низоми молиявӣ, инчунин нигоҳдории динамикаи рушди соҳаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ алоқаманд мебошанд. Ҳамзамон, дар асоси таҳлили шароити самараноки рушди фаъолияти сармоягузорӣ, сатҳи ташкили инфрасохтори муосири бозори молиявӣ ва истифодаи васеи имкониятҳои мавҷуда, омилҳои асосии таъсиррасон ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла дар самти коҳиш ва пешгирии хавфҳо ва бартарафсозии тарафҳои заифи фаъолияти сармоягузорӣ, ошкор ва асоснок гардидаанд;

- унвонҷӯ усулҳои арзёбии иқтисодии маблағгузории фаъолияти сармоягузории воқеиро таҳия ва асоснок намудааст, ки онҳо ба таҳлили пешниҳоди маблағ ва таҷҳизот, рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва таъсиси бозорҳои нави маҳсулот, инчунин ба равандҳои ташаккули иқтисоди сабз ва рақамикунонии фаъолияти хоҷагидории кишвар равона гардидаанд;

- дар диссертатсия маҷмӯи воситаҳои такмили низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар ин раванд асоснок карда шудаанд. Ин пешниҳодҳо дар натиҷаи таҳлили имкониятҳои мавҷуда, аз ҷумла такмили танзими давлатии маблағгузории сармоягузорӣ, истифодаи имтиёзҳои андозӣ, татбиқи сиёсати молиявии мақсаднок, таҳкими заминаи ҳуқуқӣ, густариши шаклҳои дастгирии молиявӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири банақшагирии стратегӣ таҳия гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияи дар диссертатсия зикршуда.** Дар асоси таҳлили мафҳуми «маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ» диссертант мавқеи муаллифии худро чунин ифода намудааст, ки маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун раванди

таъмини захираҳои молиявӣ барои амалисозии сармоягузориҳо баромад мекунад. Ба андешаи ӯ, ин раванд метавонад ҳам аз ҳисоби маблағҳои дохилии субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҳам тавассути ҷалби манбаъҳои қарзӣ ва беруна амалӣ гардад, ки вобаста ба шароити бозорӣ ва имкониятҳои молиявӣ интихоб карда мешаванд (с. 22).

Дар кори диссертатсионӣ унвонҷӯ таъкид менамояд, ки маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ метавонад бо истифода аз шаклҳо ва воситаҳои гуногуни молиявӣ, аз ҷумла саҳмияҳо, вомбаргҳо, фондҳои муштарак, амволи ғайриманқул, инчунин шаклҳои алтернативии сармоягузорӣ, ба мисли сармояи хусусӣ ва фондҳои махсус амалӣ карда шавад. Ба андешаи муаллиф, истифодаи оқилона ва самараноки ин абзорҳо дар ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии рушди устувори иқтисоди миллӣ нақши ҳалкунанда дорад (с. 46).

Муаллиф бар он назар аст, ки маблағгузории давлатии фаъолияти сармоягузорӣ метавонад махсусан дар ҳолатҳое аҳамияти калон дошта бошад, ки бахши хусусӣ имконияти кофии сармоягузорӣ ба соҳаҳо ё лоиҳаҳои алоҳидаро надорад. Дар чунин ҳолат, дахолати давлат метавонад ба рушди соҳаҳои калидии саноат, густариши инноватсияҳо, пешрафти технологӣ ва такмили сифати захираҳои меҳнатӣ мусоидат намояд. Ин равандҳо, дар навбати худ, ба афзоиши содирот, ҷалби сармояи хориҷӣ ва беҳтар гардидани фазои соҳибкорӣ оварда мерасонанд (с. 82).

Илова бар ин, унвонҷӯ дар асоси таҳлили омилҳои таъсиррасон ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ба хулосае омадааст, ки бе истифодаи самараноки ин омилҳо таҳкими равандҳои ҳамгироии молиявию иқтисодӣ ғайриимкон мебошад. Ба андешаи муаллиф, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва татбиқи ислоҳоти бозорӣ фазои нисбатан устувори сармоягузорӣ ташаккул ёфтааст. Дар ин замина, рушди инфрасохтори муосири бозор,

фаъолияти муассисаҳои молиявии мутобиқ ба талаботи замон, биржаҳо, ташкилотҳои консалтингӣ ва ширкатҳои суғуртавӣ ҳамчун омилҳои муҳими пешрафти фаъолияти сармоягузорӣ арзёбӣ мегарданд (с. 100).

Ба ақидаи муаллиф, ҷалби сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисод метавонад ба таҳкими суботи бозори молиявӣ мусоидат намояд. Дороиҳои воқеӣ, аз ҷумла амволи ғайриманқул, одатан хусусияти дарозмуддат ва устувор дошта, барои диверсификатсияи портфели сармоягузорӣ ва коҳиш додани сатҳи хавф мусоид мебошанд. Аз ин рӯ, маблағгузории бахши воқеӣ ҳамчун унсури муҳими рушди иқтисодӣ бaромад намуда, дастгирии институтҳои молиявӣ ва сармоягузорони давлатӣ ва хусусӣ дар ин раванд барои таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ аҳамияти калон дорад (с. 114).

Унвонҷӯ бар ин назар аст, ки такмили низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз омилҳои калидии таъмини рушди устувори равандҳои сармоягузорӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина, таъмини гуногуншаклии манбаъҳои маблағгузорӣ ва арзёбии дурусти самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки фаъолияти хоҷагидорӣ баррасӣ мегарданд. Ҳамзамон, банақшагирии молиявӣ ва буҷетӣ, тарҳрезии оптималии сохтори сармоя ва истифодаи абзорҳои муосири молиявӣ ба сифати роҳҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои молиявӣ таъкид мешаванд (с. 131).

Илова бар ин, дар натиҷаи таҳлили маълумоти мавҷуда унвонҷӯ ба хулосае омадааст, ки давлат бояд шаклҳои гуногуни шарикии давлатӣ-хусусиро дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ фаъолона рушд диҳад. Ба чунин шаклҳо корхонаҳои муштарак, консессияҳо ва дигар намудҳои ҳамкории иқтисодӣ дохил мешаванд. Муаллиф инчунин зарурати маблағгузории фаъоли барномаҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибавии ба навоварӣ нигаронидашударо таъкид намуда, густариши ҳамкориҳои бисёрҷонибаро муҳим мешуморад. Дар баробари ин, ҷорӣ намудани

чораҳо оид ба бехтарсозии дастрасии корхонаҳо, бахусус тиҷорати хурд, ба манбаъҳои маблағгузорӣ, аз ҷумла қарзҳои имтиёзнок ва кафолатҳои давлатӣ, инчунин мутобиқсозии сиёсати андоз ва танзими давлатӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ҳамчун тадбирҳои зарурӣ пешниҳод мегарданд (с. 148).

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** бо он муайян мегардад, ки натиҷаҳои бадастомадаи кори диссертатсионӣ ба амиқгардонии асосҳои назариявии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити рушди иқтисоди миллӣ равона шудаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот, ҳамчунин маълумоти оморӣ ва таҳлилии истифодашуда метавонанд дар фаъолияти ниҳодҳои илмӣ-тадқиқотӣ, инчунин дар кори шуъбаҳои таҳлилӣ ва сохторҳои марбути вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи қарорҳо ва барномаҳои соҳа мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар истифодабарии тақвияти такмили иқтидори маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ҷиҳати ҳамворакунии фазоии минтақаҳои кишвар дар раванди коркарди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ниҳодҳои давлатии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои муҳаққиқони ватанию хориҷии ин соҳа метавонад хизмат намояд.

**Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот** дар такмили маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, арзёбии иқтисодии маблағгузории сармоягузории воқеӣ, бехтарсозии низоми маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар он ва дигарон асос меёбад.

Мавод ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар МТОК самти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва

такмили барномаҳои таълимӣ, инчунин дар ҷараёни омӯзиши фанҳои марбут ба сармоягузорӣ ва молия, аз ҷумла «Асосҳои сармоягузорӣ», «Молия», «Арзёбии иқтисодии сармоягузорӣ», «Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ», «Сармоягузории хориҷӣ» ва дигар фанҳои тахассусӣ истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти амалӣ оид ба пешбурди ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ, ҷалб ва идоракунии сармоягузорӣ, инчунин дар қабули қарорҳои идоракунӣ дар ин самт мавриди истифода қарор гиранд.

**Нашри натиҷаҳои таълифоти натичаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Натиҷаҳои диссертатсия дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидида ва 5 адад мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳо чопшуда инъикос ёфтаанд.

Мутобиқи мақсади гузошташуда ва масъалаҳои таҳқиқот нақшаи кори диссертатсионӣ мураттаб гардидааст, ки аз сарсухан, 3 боб, 8 параграф, хулоса ва тавсияҳо, рӯихати адабиёти истифодашуда ва мақолаҳои муаллиф оид ба мавзуи таҳқиқот иборат мебошад. Диссертатсия дар 171 саҳифаи компютерӣ чоп шуда, дар он 25 ҷадвал, 4 расм, 2 диаграмма ва 156 адабиёт оварда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии шахсони довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисосе, ки онҳо ба он довталабанд.** Тахассуси илмии Сафаров Илҳом Нурмаҳматович довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад.

**Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз

30.06.2021) аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти илмӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф аввалан, мафҳумҳои фундаменталӣ ва ҷанбаҳои назариявии маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар шароити бозори озодро таҳлил намуда, ҳамгироии назарияи иқтисодӣ ва амалияи бозори муосирро барои таҳкими фаҳмиши механизми маблағгузорӣ асоснок кардааст. Дар бахши таҳлилӣ ба таври мустақил омилҳои таъсиррасон ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар ҷумҳуририро ошкор ва гурӯҳбандӣ кардааст, ки дар муҳити иқтисодӣ ва молиявӣ ҷобаҷогузорӣ шудаанд. Аз ҷумла, нишон дода шудааст, ки захираҳои фаровони табиӣ, суботи макроиқтисодӣ, устувории низоми молиявӣ ва сатҳи рушди соҳаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ ба самаранокии сармоягузорӣ таъсири бевосита доранд.

Довталаб усулҳои арзёбии иқтисодии маблағгузории иҷроишёбанда - яъне сармоягузории воқеӣ дар алоқа бо пешниҳоди маблағ, таҷҳизот, рушди инфрасохтор, таъсиси бозорҳои маҳсулот, ташаккули иқтисоди сабз ва рақамикунонии фаъолияти хоҷагидорӣ таҳия ва асоснок намудааст. Ин усулҳо, ки аз таҳлилҳои сифатӣ ва миқдорӣ бармеоянд, барои арзёбии таъсири омилҳои гуногун ба самаранокии сармоягузорӣ ва қабули қарорҳои молиявӣ дар сатҳи корхонаву давлат истифода мешаванд. Саҳми довталаб дар таҳияи мукаммалнамоии низоми маблағгузории сармоягузорӣ ва тавсияҳои амалӣ барои баланд бардоштани нақши давлат муҳим аст. Диссертант ба таври систематикӣ пешниҳод кардааст, ки барои беҳтар намудани шароитҳои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон бояд танзими самараноки давлатии маблағгузорӣ, истифодаи имтиёзҳои андозӣ ва сиёсати молиявӣ, таҳкими заминаи ҳуқуқӣ ва дастгирии молиявии муассисаҳо татбиқ шавад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати болозикр, ба андешаи мо, диссертатсияи тақризшаванда дорои якчанд норасоию пешниҳодҳо мебошад, ки аз инҳо иборатанд:

1. Ба манфиати таҳқиқоти илмӣ мегардид, агар дар диссертатсия бештар ба нақши институтсионалии давлатии ҷалби маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ барои ҳамворакунии фазоии рушди иқтисодии минтақаҳои кишвар диққат дода мешуд.

2. Дар қисматҳои алоҳидаи таҳқиқот, махсусан ҳангоми баррасии ҳолати кунунии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, услуби баён бештар тавсифӣ буда, таҳлили муқоисавӣ ва хулосаҳои муаллифӣ нокифоя ба назар мерасанд;

3. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар таҳқиқот механизми такмилёфта дар шакли мукаммал ва васеъкардашуда оид ба маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ пешниҳод мегардид;

4. Барои боз ҳам мукаммал сохтани пажӯҳиш, ҷой додани бахши алоҳида доир ба дурнамои ҷалби маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ба иқтисодиёти миллӣ ва дар асоси он хулосагирии илман асоснок намудан дар таҳқиқот, аз манфиат холӣ набуд;

5. Ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар дар кори диссертатсионӣ усулҳои таҳлилии дорои ифодаи формулаҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ васеътар истифода мегардиданд, ки ин сатҳ далелнокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро боло мебурд.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда, дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботи мавҷуда мебошад.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Умуман, диссертатсия дар мавзӯи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯи ихтисоси 5.2.17. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

тартиб дода шудааст, ба талаботи “Тартиби додани дарачаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021 тасдиқ карда шудааст, мувофиқат менамояд. Диссертатсия кори илмии асоснокгардидаи баитмом расида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта, муаллифи он Сафаров Илҳом Нурмаҳматович сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
ректори МД «Донишкадаи байналмилалии
Данғара»-и МД Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Сафозода А.К.

Имзои Сафозода А.К.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассиси пешбари шӯъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишкадаи байналмилалии
Данғараи Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Шарипова Ф.

Суроға: 735320, ноҳияи Данғараи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Исмат Шарифов 3, www.dbd.tj; E-mail: safoev@list.ru; Тел: (+992) 907733247